**№17156/13.3 «д» аз 29.11.2018**

Мақомоти ҳудудии андоз

«Доир ба андозбандии
аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати пурра бо андози иҷтимоӣ андозбандӣ гардидани аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунандаро дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дод.

Таҳлилҳо ва муқоисаи маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ бо маълумотҳои мақомоти андоз нишон медиҳад, ки аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ дар эъломияҳои андозии худ шумораи воқеии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ пурра нишон дода нашудаанд.

Корҳои назоратӣ ва натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз дар маҳалҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми таъсис додани хоҷагии деҳқонӣ бо мақсади зиёд ба даст овардани масоҳати қитъаи замин аз ҷониби шахсони ташкилкунандаи хоҷагии деҳқонӣ шумораи аъзоён зиёд пешниҳод карда мешаванд.

Тибқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» хоҷагии деҳқонӣ ҳуқуқ дорад, ки дар асоси маҷлиси аъзоён шаҳрвандонро ба аъзогии хоҷагӣ қабул ва ё аз аъзогии он хориҷ намояд. Инчунин, дар асоси талаботи моддаи мазкур маҷлиси аъзои хоҷагии деҳқонӣ ва қарорҳои қабулнамудани он дар сурате салоҳиятнок ҳисобида мешаванд, агар дар маҷлис на кам аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои хоҷагии деҳқонӣ иштирок дошта бошанд.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки муқаррароти моддаи 9 Қонуни мазкурро хоҷагиҳои деҳқонӣ дуруст дарк накарда, баъд аз ба қайди давлатӣ гузоштани хоҷагии деҳқонӣ бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андози иҷтимоӣ дар асоси протоколи маҷлиси аъзоёни хоҷагӣ бе кам кардани масоҳати қитъаи замин аъзоён аз аъзогии хоҷагии деҳқонӣ хориҷ карда шуда, шумораи онҳо нисбат ба шумораи воқеии дар Сетификати ҳуқуқи истифодаи замин дарҷгардида кам карда мешаванд.

Ҳамзамон, қисми 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» муқаррар менамояд, ки шахсе, ки дар хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун корманди кироя фаъолият мекунад, узви хоҷагии деҳқонӣ ба ҳисоб намеравад.

Зиёда аз ин қисми 2 моддаи 29 Қонуни мазкур хоҷагиҳои деҳқониро уҳдадор намудааст, ки бо кормандони кироя шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба имзо расонад ва ба онҳо на кам аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат ҳисоб намуда пардохти онро ба буҷети дахлдор таъмин намоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 216 Кодекси андоз меъёри андози иҷтимоӣ барои шахсони воқеии аъзои хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба андозаи ҳадди ақали андози иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси талаботи қисми 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти кишоварзиро анҷом медиҳанд, меъёри андози иҷтимоӣ дар шакли устувор ба андозаи 10 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шудааст. Пардохти андози мазкур барои аъзои хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар гардидааст.

Бо назардошти муқарраротҳои зикргардида хоҷагиҳои деҳқониро зарур аст, андози иҷтимоиро тибқи меъёри муқаррарнамудаи қарори мазкур аз рӯи шумораи аъзоёни дар Сетификати ҳуқуқи истифодаи замин ё қарори раисони шаҳру ноҳияҳо дарҷгардида пурра (новобаста аз он, ки шумораи аъзоён пурра дар хоҷагӣ фаъолият наменамоянд) ҳисоб намуда пардохти онро ба буҷет таъмин намоянд. Дар акси ҳол шахсоне, ки аз аъзогии хоҷагии деҳқонӣ хориҷ карда шудаанду то ҳол дар хоҷагӣ фаъолият менамоянд ё ба ҷои онҳо дигар шахсон бе қабул гардидан ба аъзогии хоҷагӣ кор мекунанд, ҳамчун коргари кироя ҳисобида шуда, нисбат ба онҳо андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ ҳисоб карда мешавад.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки мактуби дастурии мазкурро ба саҳми андозсупорандагон расонида, ҷиҳати пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани шумораи вокеии аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ чораҷуӣ намоянд.

Муовини якуми Раис А. Солеҳзода